**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

*Фирдавсишиносӣ* дар Тоҷикистони замони шуравӣ яке аз самтҳои аввалини адабиётшиносии тоҷик маҳсуб ёфта, дар ду марҳала рушд ёфтааст. Афкору андешаҳои Абулқосим Фирдавсӣ ба сифати меҳвари асосии фирдавсишиносӣ новобаста аз ҳар гуна ҳаводиси таърихӣ ба афкори адабии тоҷик таъсири муассир гузоштааст. Халқи тоҷик ба мазмун ва муҳтавои «Шоҳнома» бо руҳияи тоза таваҷҷуҳ карда, дар он ҷиҳатҳои маънавӣ-маърифатӣ, аз қабили мазмуни инқилобӣ, озодии инсон, адолати иҷтимоӣ, ҳаёти меҳнаткашон, баробарҳуқуқӣ ва ғайра пайдо намуд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки унвонҷӯ бори нахуст марҳалаи дуюми фирдавсишиносиро (солҳои 50-80-уми асри XX) пурра омӯхта, се ҷанбаи он **а)** таҳқиқоти илмӣ; **б)** таълифоти бадеӣ; **в)** тарҷумаҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ба забони халқҳои шуравиро баррасӣ кардааст.

Фирдавсишиносӣ ва таъсири он дар ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) то ҳол ба таври мушаххас ва алоҳида мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нуруллоро метавон дар таҳқиқи амиқи фирдавсишиносӣ ва рушди он иқдоми нахустин ва муҳим арзёбӣ намуд.

Муҳтавои диссертатсияи Одиназода С.Н. бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсия навоварӣ ва тозакориҳои дақиқи илмӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ шудаанд. Маҳз навовариву тозакориҳои муаллиф арзиши

баланди илмӣ-таҳқиқотии диссертатсияро афзудааст. Ҳамзамон, дар кори таҳқиқотӣ таъсири фирдавсишиносӣ дар адабиёти муосири тоҷик муфассал ва ҷиддӣ нишон дода шудааст. Албатта, дар адабиёти муосири тоҷик шоиру нависандае нест, ки аз осори арзишманди ниёгони хеш пайравӣ нанамудааст. Адибони муосири тоҷик аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ баҳра бардошта, номи шоир ва қаҳрамонони асари ӯро дар эҷодиёти хеш дарҷ намудаанд. Маҳз ҷиҳатҳои баҳрабардорӣ боис гардиданд, ки самтҳои гуногуни муҳимро дар адабиётшиносии тоҷик, чун *фирдавсишиносӣ* ба амал оварданд. Чунин таъсирпазириҳо на танҳо адабиёти муосирро рушд медиҳад, балки теъдоди зиёди хонандагонро ба «Шоҳнома» ҷалб менамояд. Дарки амиқи асар дар рушди шуури маънавӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) ва минбаъд низ аҳаммияти вижа дорад.

Дар заминаи мазкур дар замони Истиқлол арҷ гузоштан ба арзишҳои маънавию моддӣ на танҳо ҳамчун анъана, балки ба расмият шинохта шудааст. Бо дастур ва ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои омӯзиши таърих, фарҳанг ва адабиёти ниёгони «Шоҳнома» ба тамоми мардуми мамлакат дастрас гардид. Ҳамчунин, бо дастури Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор мегардад. Ҳадафи озмун ба майдони илму адаб омадани шоҳномахонҳои боистеъдод ва рушди ҳаёти маънавии кунунии ҷомеа мебошад.

Рушди фирдавсишиносӣ дар замони шуравии солҳои 50-80-уми асри XX бар он далел аст, ки афкори адабии наслҳои минбаъдаи тоҷикро ба маротиб тағйир медиҳад.

Натиҷагирӣ ва хулосаҳои муаллифи диссертатсия бо далелҳо асоснок буда, мушаххасбаёнӣ дар диссертатсия пешниҳодшударо комилан дуруст ифода менамояд. Таҳқиқоти ватаниву хориҷӣ боиси ба

даст овардани пажуҳишҳои азим гардида, ташаккули шуури маънавӣ-маърифатии халқҳои ҷаҳон барои имрӯз ва фардо муайян мекунад.

Дар ҷараёни таълифи диссертатсия мушаххас гардид, ки унвонҷӯ хусусиятҳои сохтору муҳтавои матни бадеӣ, таҳқиқи адабӣ ва истифодаи дурусти сарчашмаҳо ва хулосаҳои шахсиро дар сатҳи баланди илмиву касбӣ анҷом додааст. Баррасии мавзуъ ва нуктаҳои илмии ба дифоъ пешниҳодгардида, мушаххасбаёниву мазмунофаринӣ ва лаёқати дарки унвонҷӯро нишон медиҳад. Таҳлил ва пажуҳишҳои дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошад. Унвонҷӯ дар ҷараёни баррасии фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX) маъхазҳои зиёди назарӣ ва корбурдиро аз назар гузаронида, дар натиҷаи таҳлилҳои илмию назариявӣ, бадеӣ ва тарҷумавӣ ҷанбаҳои зиёди илмиро нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, интихоби мавзуи мазкур саривақтӣ буда, вижагиҳои муҳим ва зурурии илмии минбаъдаро дар замони Тоҷикистони соҳибистиқлол ба вуҷуд меоварад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Диссертатсия аз се боб, зерфаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, мундариҷаву муҳтавои он ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Одиназода Сафармоҳ Нурулло дар мавзуи «Фирдавсишиносӣ ва ташаккули афкори адабии тоҷик (солҳои 50-80-уми асри XX)» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, пурра ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забонҳои хориҷии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Шозиёева Гулмо Парвонашоевна

Имзои Г.П. Шозиёеваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода Аслиддин Насурдин

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Телефон: (+992) 935-47-78-93
E-mail: gulmoh@mail.ru

22.04.2026